Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, кучаи С. Айнӣ, 44)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод гардидааст

Масъалаи рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар илми иқтисодӣ мавқеи ниҳоят муҳим дорад ва ҳамзамон новобаста аз тақиқотҳои гузаронидашуда паҳлуҳои гуногуни он то ҳол ҳалли кифоии худро пайдо накардаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ислоҳоти иқтисодӣ, ташаккули муносибатҳои бозорӣ бомаром амалӣ гардида истодаанд, ҷиҳати барпо намудани ҷамъияти аз нигоҳи иҷтимоӣ адолатнок ҳалли муаммоҳои муҳайё намудани рушди тақрибан баробарвазни ҳамаи минтақаҳо, аз ҷумла минтақаҳои осебпазири наздисарҳадӣ ниҳоят муҳим мебошад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба усулҳою василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазири наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ бе шубҳа муҳим мебошад.

Тавре аз автореферат бармеояд, дар диссертатсия, ки аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, инчунин аз рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст, мақсаду вазифаҳои дар кори илмии мазкур гузошташуда мубрам буда, бахампайвастагӣ ва пайдарҳамии зичи мантиқӣ доранд.

Дар кори илмии баррасишавандаи муаллиф Сафаров А.М. асосҳои назариявӣ ва усулии таҳқиқоти муаммоҳои идоракунӣ дар низомҳои осебпазири иҷтимоию иқтисодиро баррасӣ намуда, адабиёти зиёди ватанию хориҷиро таҳлил намудааст ва вобаста ба механизми дохилии хусусияти муаммовӣ ва осебпазир доштани чунин низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва имкониятҳои истифодаи пурраи иқтидори онҳо хулосаҳои асоснок пешниҳод намудааст. Оид ба муайян намудани мазмуни минтақаи осебпазир зикр мегардад, ки он ҳудуди дараҷаи нисбатан пасти рушддошта буда, имкониятҳои ҷойдошта пурра ва самаранок истифода намешаванд. Аз нигоҳи назариявӣ зарурат, самтҳои асосии таҳияи консепсияи такмили низоми

иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳои осебпазир ва василаҳои идоракунии онҳо коркард шудаанд.

Таҳқиқи асосҳои ташкилию иқтисодии идоракунӣ дар низомҳои осебпазири минтақаҳои ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон додааст, ки захираҳои воқеии рушди ин ҳудудҳо муайян карда шаванд. Масъалаҳои бунёди роҳҳо, таъминоти муосири нақлиётӣ, ташаккули алоқаи замонавӣ, таъминоти бетаваққуфи барқ ва ғайра ҳамчун муаммоҳои муҳимтарини пешбурди ҳудудҳои баррасишаванда таҳқиқ гардидаанд.

Омӯзиши самтҳои асосии такмили идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон додааст, ки масъалаҳои баланд бардоштани нақши савдою тиҷорати наздисарҳадӣ, истифодаи бештари имкониятҳои сармоягузории минтақаҳои озоди иқтисодӣ, таҳияю амалисозии барномаҳои махсуси ҳукуматӣ, густариши маблағгузорӣ ба минтақаҳо, бо суръати баланд бунёд намудани ҷойҳои нави корӣ, таъминоти минтақаҳо бо кадрҳои баландихтисос, ҳалли пурраи дигар масъалаҳо ҳамчун муаммоҳои ҳаллашон таъхирнопазир пешниҳод карда шаванд.

Дар автореферати баррасишаванда баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

- дар кори илмие, ки бо забони давлатӣ иншо гардидааст, зарурати зикр намудани тарҷумаи ибораҳои алоҳида ва амиқии онҳо (ба монанди "осебпазири (депрессивӣ)", "минтақаи осепазирӣ (аз лотинии depressio - афсурда)", "осепазирӣ (депрессивӣ)", "бухронӣ (депрессивӣ)", "динамизм (пуёӣ)", "зинанизомӣ (иерархия)", "осебпазир (депрессивӣ)") дар саҳ. 11, 13, 15 номаълум мебошад;

- тавре автореферат шаҳодат медиҳад, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодоту тавсияҳои амалии диссертатсияи мазкур асоснокшуда мебошанд. Вале пешниҳодот ва тавсияҳои амалии кори мазкур ба ягон мақомоти марказӣ ё маҳаллии иҷрокунандаи ҳокимияти давлатӣ барои истифодабарӣ ирсол нагардидаанд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои зикргардида моҳияту арзёбии назариявӣ ва амалии диссертатсияи баррасишавандаро кам намекунанд ва хислати тавсиявӣ доранд.

Дар маҷмӯъ, аз баррасии автореферати мазкур бармеояд, ки кори диссертатсионии Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи ниҳоят муҳим - «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» - иҷро карда шуда, пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва

идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ҷавобгу мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси нишондодашуда мебошад.

Дотсенти кафедраи назарияи
иктисодии Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и. Наҷмиддинзода А.Ю.

Суроға: 734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14. E-mail: tgfeu@tgfeu.tj

"Имзои н.и.и., дотсент Наҷмиддинзода
Анвар Юсуфиро тасдик менамоям."

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон, н.и.ҳ. Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ